**ОТЗЫВ НА АВТОРЕФЕРАТ ДИССЕРТАЦИИ**
**Сайфуллохзода Олуфты Мирулло**
**на тему: «Совершенствование механизма организации управления микроавтобусных пассажирских перевозок в городе Душанбе»,**
**на соискание учёной степени доктора философии (PhD)**
**по экономическим наукам по специальности**
**6D050607 – «Экономика транспорта и логистика»**

В условиях рыночной экономики и динамичного роста городов вопросы эффективной организации городского общественного транспорта приобретают первостепенное значение. Город Душанбе, являясь столицей Республики Таджикистан, в последние годы переживает заметный рост численности населения и соответственно — возрастающий спрос на транспортные услуги. В этом контексте пассажирские перевозки микроавтобусами, занимающие около 65% общего объёма городского общественного транспорта, требуют глубокого и всестороннего научного исследования.

Диссертация Сайфуллохзода О.М. выполнена именно в данном актуальном направлении, в ней с применением современной методологии рассматриваются организационные, экономические и управленческие проблемы пассажирского транспорта города Душанбе. Тема диссертации полностью соответствует «Национальной стратегии развития страны до 2030 года», «Программе развития электрического транспорта на 2023–2028 годы» и «Среднесрочной программе развития цифровой экономики на 2021–2025 годы», что подчёркивает её высокую научно-практическую значимость.

Научная новизна диссертации проявляется в нескольких ключевых аспектах. Во-первых, автором системно определены основные показатели, характеризующие систему городского пассажирского автотранспорта Душанбе, что в отечественной научной литературе проводится впервые с такой степенью комплексности.

Во-вторых, разработана экономико-математическая модель определения спроса на услуги микроавтобусов, учитывающая 8 ключевых факторов влияния. Коэффициент множественной корреляции R=0,991 и коэффициент детерминации $R^2$=0,983 свидетельствуют о высокой адекватности модели. На её основе спрогнозирован рост объёма микроавтобусных перевозок к 2030 году на 13,17% по сравнению с 2026 годом, что имеет существенное значение для долгосрочного транспортного планирования.

В-третьих, с использованием функции Харрингтона обоснована система оценки качества обслуживания микроавтобусов по 10 ключевым производственным показателям. Данная система отличается практической применимостью и может быть внедрена в деятельность транспортных предприятий.

В-четвёртых, впервые в рамках отечественных исследований предложен конкретный механизм государственно-частного партнёрства в сфере микроавтобусных перевозок, разработаны меры по цифровизации транспорта, включая создание единого центра управления и системы единой электронной оплаты проезда. Автором также обоснована двухэтапная модель транспортной реформы с внедрением системы «маршрутных контрактов» (gross cost route-based contract) применительно к условиям города Душанбе.

В целом научная новизна диссертации соответствует требованиям, предъявляемым к работам уровня PhD, а личный вклад автора прослеживается на всех этапах исследования.

Методологическую основу диссертации составляют дедуктивные и индуктивные методы, методы сравнительного анализа, синтеза и системного подхода, статистический и экономический анализ, корреляционно-регрессионное моделирование. Информационная база исследования формируется из достоверных источников — Агентства статистики при Президенте РТ, Статистического управления города Душанбе и ГУП «Душанбенаклиётхадамотрасон».

Согласованность мнений экспертов проверена с применением коэффициента конкордации Кендалла ($W=0,564$; $\chi^2=167,82 > \chi^2$табл$=34,50$), что подтверждает надёжность экспертных оценок. Полевые исследования проведены на 9 действующих микроавтобусных маршрутах города, изучена динамика пассажиропотока в разные дни недели. Используемые методы в совокупности адекватны поставленным целям и обеспечивают достоверность полученных результатов.

Результаты исследования внедрены в практическую деятельность ГУП «Душанбенаклиётхадамотрасон» (справка о внедрении №371 от 18.09.2025) и ГУП «Автомобильный транспорт и логистические услуги» (справка №139/1 от 29.07.2025), что является убедительным свидетельством практической ценности диссертации. Кроме того, результаты исследования внедрены в учебный процесс Таджикского технического университета имени академика М.С. Осими (справка №27/781/1 от 12.07.2025).

Предложенные рекомендации — создание единого центра управления транспортом с применением искусственного интеллекта, введение единой электронной системы оплаты проезда, разработка «документа планирования регулярных перевозок», конкурсный отбор перевозчиков на маршруты — позволят существенно повысить качество и эффективность городского общественного транспорта Душанбе.

При высокой общей оценке диссертационной работы представляется целесообразным высказать ряд замечаний:

**1.** В первой главе, при рассмотрении зарубежного опыта организации городского транспорта, автору следовало бы уделить больше внимания опыту успешных городов стран СНГ — в частности, Алматы, Ташкента и Бишкека, — поскольку условия этих городов ближе к социально-экономическим реалиям Таджикистана.

**2.** Экологическое воздействие микроавтобусных перевозок — одна из актуальных проблем — могло бы быть освещено более подробно, особенно с учётом задач «зелёной экономики» и Программы развития электрического транспорта республики.

**3.** В третьей главе рекомендации относительно экономической эффективности внедрения предложений (анализ затрат и выгод) могли бы быть подкреплены более конкретными расчётными данными.

Указанные замечания не снижают научной ценности диссертации и носят рекомендательный характер.

В целом диссертация Сайфуллохзода Олуфты Мирулло на тему «Совершенствование механизма организации управления микроавтобусных пассажирских перевозок в городе Душанбе» полностью отвечает требованиям, предъявляемым к диссертациям на соискание учёной степени доктора философии (PhD). Работа соответствует паспорту специальности 6D050607 — Экономика транспорта и логистика. По теме диссертации автором опубликовано 11 научных работ, из которых 6 — в журналах, рецензируемых ВАК при Президенте Республики Таджикистан.

Результаты исследования отличаются высокой степенью достоверности и реальной практической значимостью, что позволит существенно обогатить научную базу для развития городского транспорта Таджикистана в условиях цифровизации.

Автореферат диссертации Сайфуллохзода Олуфты Мирулло рекомендуется к обсуждению на заседании диссертационного совета 6D.КОА-015 при Таджикском техническом университете имени академика М.С. Осими.

**Рецензент: Заведующий кафедрой финансов,**
**Термезский государственный университет,**
**доктор экономических наук,**
**доцент** **Гадоев Сухроб Джумакулович**

Адрес: Термезский государственный университет
190111, Сурхандарьинская область, город Термез, улица «Баркамол Авлод», дом 43
Тел: 762280120, 037622176900. Электронная почта: info@tersu.uz

TERMIZ DAVLAT UNIVERSITETI
KADRLAR BO'LIMI BOSHLIG'I
IMZONI
TASDIQLAYMAN

Подпись Гадоев С.Ж. удостоверяю:
Начальник отдела кадров и
специальные работы ТерГУ ____________________

Дата "10" 04 2026 г.

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло дар мавзуи «Такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607– Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика пешниҳод шудааст**

Имруз рушди иқтисодиёти инноватсионӣ ва рақамӣ, амали сохтани механизми ташкилию иқтисодӣ ва баланд бардории самаранокии ташкил ва идоракунии корхонаҳои нақлиётӣ оид ба ҷиҳати ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар микёси шаҳрҳо ҷойи муносибро ишғол мекунад. Аз тарафи дигар ҳалли мушкилоти такмили механизми инноватсионӣ дар асоси коркард ва истифодаи механизмҳои муносиб, зарурати таҳқиқи ҷабҳаҳои такмили ин низомро дар шароити муосир тақозо мекунад. Бо назардошти ин мубрамии мавзуи интихобшудаи кори диссертатсионии Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло бебаҳс буда, дорои аҳаммияти баланди амалӣ ва арзиши илмии онро тасдиқ менамояд.

Аз арзёбии автореферат бармеояд, ки дар он таҳқиқи асосҳои назариявӣ-методӣ ҷиҳати муайян кардани нақш ва мавқеъ, омӯзиши асосҳои методӣ ва принсипҳои ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шароити рушди инноватсионӣ, арзёбии хусусиятҳои таҷрибаи хориҷии механизми ташкили идоракунии мусофирбарӣ дар шаҳрҳо дар сатҳи зарурӣ гузаронида шудааст.

Дар асоси маълумотҳои воқеъӣ таҳлили вазъи муосири ҳамлу нақли мусофирон ва раванди ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе гузаронида шудааст. Инчунин, ба муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба баҳодиҳии сифати кори микроавтобусҳо дода шудааст.

Дар автореферат стратегияи рушди мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе хело ҷолиб пешниҳод карда шудааст. Мо ба пуррагӣ натичаҳои коркарди амсилаи иқтисодию риёзии муайян намудани талабот ба хизматрасонии микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе дастгирӣ менамоем.

Бояд қайд намуд, ки дар сатҳи зарурӣ асоснок ва пешниҳод намудани механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва роҳҳои такмили ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе ба сомон расонида шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия самтҳои такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе пешниҳод гардидааст.

Дар автореферати диссертатсияи тақризшаванда новобаста аз дастовардҳои назарраси методӣ, назариявӣ ва амалӣ, ҳамзамон, баъзе камбудиҳои зерин ба назар мерасанд:

1. Дар автореферат натиҷаи таҳлили натиҷаҳои коркарди амсилаи иқтисодию риёзии муайян намудани талабот ба хизматрасонии микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе мавриди таҳқиқи пурра қарор нагирифтааст.
2. Ҳангоми баҳодиҳӣ бартарияти истифодаи натиҷаҳои сифати кори микроавтобусҳо дар хатсайрҳои шаҳри Душанбе пешниҳод нагардидааст.

Дар маҷму эродҳои гирифташуда ҳаргиз сатҳи баланди илмию назариявӣ, методӣ ва амалии рисоларо коста намегардонанд ва хислати тавсиявӣ доранд. Аз арзёбии диссертатсия бар меяд, ки самти таҳқиқот ба бандҳои мухталифи Шиносномаи ихтисоси илмии 6D050607– Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика мувофиқат мекунад.

Автореферат ва интишорти муаллиф таркиби диссертатсияро ба пуррагӣ дар бар мегирад.

Бо назардошти ин диссертатсия таҳқиқоти мукаммали анҷомёфта буда, унсурҳои навгонии кифояи илмӣ дорад ва дастоварди назаррасӣ илмӣ маҳсуб меёбад ва ба талаботи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607– Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори ин дараҷаи илмӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
дотсенти кафедраи технологияҳои рақамӣ-коммуникатсионии
МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” Сайдуллоев У.Ӯ.
Телефон: (+992) 93-506-00-61,
E-mail: saidullaev_umed@mail.ru.

Имзои Сайдуллоев Умеджон Ӯктамовичро тасдиқ менамоям:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Сайдуллозода З.С.

**Суроғаи донишгоҳ:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1, Тел.: (+992) 342265273. E-mail: rector@hgu.tj.

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло дар мавзӯи «Такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607– Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика пешниҳод шудааст**

Дар шароити муосири рушди устувор афзудани нақш ва аҳаммияти беҳтар шудани хизматрасонии нақлиётӣ ба мусофирон ва хоҷагии халқ, такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳоро дар шаҳрҳоро тақозо менамояд. Дар ин раванд зарур аст, ки вазнинӣ ва мураккабии хизматрасонии нақлиётӣ ҳангоми такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо ба инобат гирифта шуда барои ҳалли муаммову мушкилоти ҷойдошта истифодаи механизмҳои навоварона пешбурди таҳқиқоти суроғавӣ гузаронида шавад ва роҳи ҳалли муаммоҳои ҷойдошта ба тариқи пурра омӯхта нашудаанд. Аз ин рӯ мубраммияти мавзӯи диссертатсияи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло бе баҳс аст.

Дар диссертатсия дар сатҳи зарурӣ таҳқиқи асосҳои назариявӣ-методӣ ҷиҳати муайян кардани нақш ва мавқеъ, омӯзиши асосҳои методӣ ва принсипҳои ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шароити рушди инноватсионӣ, дида баромада шудааст.

Аз арзёбии автореферат бар меояд, ки мо натиҷаи таҳлили вазъи муосири ҳамлу нақли мусофирон ва раванди ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанберо дастгирӣ менамоем.

Бояд қайд намуд, ки аз тарафи муаллиф омилҳои таъсиррасон ба раванди ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо ва баҳодиҳии сифати кори онҳо дода шудааст.

Дар сатҳи зарурӣ стратегияи рушди мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе пешниҳод карда шудааст. Ҳамзамон, асоснок ва пешниҳод намудани механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва роҳҳои такмили ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе ба талаботҳо ҳангоми амали намудани Стратегияи миллӣ рушди Тоҷикитон то соли 2030 ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷму дар диссертатсия роҳҳои такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе пешниҳод гардидааст.

Аз тарафи дигар, новобаста ба натиҷаҳои ба дастовардашуда, дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар автореферат диққати асосӣ ба омӯзиши асосҳои методӣ ва принсипҳои ташкили идоракунӣ ва масоили ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шароити рушди инноватсионӣ дода шудааст. Мутаассифона, роҳҳои бартараф кардани баъзе аз масоилҳо дар шароити муосири рушди иқтисодиёти шаҳри Душанбе арзёбӣ нагардидааст.

2. Дар автореферати диссератсия баъзе аз мавҳумҳо ва пешниҳодҳо ба пуррагӣ кушода ва шаҳр нашудаанд.

Новобаста ба ин эродҳои гирифташуда ба сатҳи баланди илмию назариявӣ, методӣ ва амалии таъсир нарасонида характери тавсиявӣ доранд.

Самти таҳқиқоти мазкур ба бандҳои мухталифи Шиносномаи ихтисоси илмии 6D050607– Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика пурра мувофиқат мекунад.

Автореферат ва маводҳои чопнамудаи муаллиф таркиби диссертатсияро ба пуррагӣ дар бар мегиранд.

Дар маҷмӯ диссертатсия таҳқиқоти мукаммали анҷомёфта буда, унсурҳои навгонии кифояи илмӣ дорад ва ба талаботи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон оид оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607– Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори унвони илмӣ аз рӯйи ихтисоси дар боло зикршуда мебошад.

Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон — Раҷабов Комрон Раҷабович

Имзои н.и.и., дотсент Раҷабов К.Р.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ — Пирзода С.С.

Суроғаи донишгоҳ: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе; кӯчаи Деҳотӣ, 1/2.
E-mail: komrontajik@gmail.com. Тел:+992938292929

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло дар мавзӯи «Такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607– Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика пешниҳод шудааст**

Имрӯз рушди иқтисодиёти инноватсионӣ баланд бардоштани нақш ва аҳаммияти механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар бар гирифта, барои ҳалли муаммову мушкилоти ҷойдошта истифодаи механизмҳои нававаронаро тақозо мекунад. Зарур аст, ки раванди хизматрасониро ба аҳолии шаҳрҳо бо истифодаи намудҳои ҷудогонаи нақлиёт ва истифодаи зешни сунъӣ ва технологияи муосири инноватсионӣ баррасӣ намуд. Бояд қайд кард, ки на ҳама паҳлуҳои ин масоили хизматрасониҳои нақлиётӣ бо назардошти мушкилоти мавҷуда пурра омӯхта нашудаанд ва аз ин рӯ мубраммияти мавзӯи рисолаи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло бе баҳс аст.

Аз омӯзиши диссертатсия бар меяд, ки самти таҳқиқот ба бандҳои мухталифи Шиносномаи ихтисоси илмии 6D050607– Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика мувофиқат мекунад.

Дар диссертатсия дар асоси омӯзиши адабиётӣ ватанӣ ва хориҷӣ ҷанбаҳои назариявӣ-методии мавқеъ ва мақоми мусофирбарӣ бо нақлиёти автомобилӣ омухта шуда, таҳлили принсипҳо ва усулҳои ташкили идоракунии ҳамлу нақли автомобилӣ дар шаҳр ба таври аниқ муайян карда шудааст.

Ба таҳқиқи ҳолати муосир, рушди имкониятҳо ва ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе дар асоси арзёбии асосҳои консептуалии рушди нақлиёти ҷамъиятӣ, раванди мусофирбарӣ ҷойи муосир ҷудо карда шудааст. Ба тарқи пурра баҳодиҳии сифати кори микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе гузаронида шудааст.

Дар диссертатсия стратегияи рушди мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе дар доираи амали намудани сиёсати нақлиётӣ асоснок ва пешниҳод карда шудааст, ки қисматҳои ба ҳам пайвандро дар бар мегирад.

Дар асоси коркарди амсилаи риёзию иқтисодӣ самтҳои асосии ташкили идоракунии ҳамлу нақл бо микроавтобусҳо дар шаҳр, ки муносибгардонии шабакаи хатсайрҳо ва системаи идоракунии хизматрасониҳои нақлиётӣ, таҳия ва механизми шарикии давлат ва бахши хусусиро барои рушди интиқол, такмилдиҳии фаъолияти системаи ягонаи

автоматонидаи идоракунии нақлиёти шаҳр ва рушди системаи муосири пардохти ҳаққи роҳкироро бо назардошти татбиқи рақамикунонии нақлиёт дар давраи то соли 2030 дар шаҳри Душанбе дар бар мегирад пешниҳод карда шудааст., ки боиси дарстгирӣ мебошад.

Ҳамзамон, новобаста ба натиҷаҳои назарраси назариявӣ, методӣ ва амалӣ, дар автореферат баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд.

Аз ҷумла, дар автореферат ба арзёбии хусусиятҳои таҷрибаи хориҷии механизми ташкили идоракунии мусофирбарӣ дар шаҳрҳо диққати махсус дода шудааст. Мутаасифона, пешниҳодҳо нисбати истифодаи ин таҷриба ҳангоми такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе сурат нагирифтааст.

Эроди гирифташуда ҳаргиз сатҳи баланди илмию назариявӣ, методӣ ва амалии диссертатсияро коста намегардонанд ва онҳо хислати тавсиявӣ дорад.

Автореферат ва интишорти муаллиф таркиби диссертатсияро пурра дар бар мегирад.

Дар маҷмӯ диссертатсия таҳқиқоти мукаммали анҷомёфта буда, унсурҳои навгонии кифояи илмӣ дорад ва дастоварди назаррасӣ илмию амалӣ маҳсуб ёфта, ба талаботи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607– Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика ҷавобгӯ буда, муаллифи он О.М.Сайфуллозода сазовори дараҷаи илмӣ аз рӯйи ин ихтисос мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ
ва иқтисоди ҷаҳонӣ Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон Комилов С.Ҷ.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. М. Турсунзода 30.
Тел.: (+992) 917-50-54-01. E-mail: sirodj.tj@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Комилов С.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои ДСРТ Исмаилова М.Н.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. М. Турсунзода 30,
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон. Тел.: (+992-37) 221-35-50
E-mail: p.rektora@mail.ru, https://rtsu.tj

**Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ (734042, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10а, www.ttu.tj)**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло дар мавзуи «Такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607– Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика**

Дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ва инноватсионӣ, нақши системаҳои нақлиётӣ дар таъмини ниёзҳои аҳолӣ ва суботи иқтисодӣ афзунтар гардида, нақлиёти мусофирбарӣ ба яке аз унсурҳои асосии рушди иҷтимоӣ, демографӣ, ташаккули инфрасохтори муосир ва тавсеаи фазои шаҳрсозӣ мубаддал гардидааст. Ташкили дурусти кори нақлиёти мусофирбарӣ ба сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ таъсири мусбӣ расонида, ҳангоми арзёбии равандҳои ташаккули иқтисодиву иҷтимоии шаҳрҳо нақши назаррасро иҷро менамояд. Новобаста ба ин, масоили зиёде мавҷуданд ва на ҳама паҳлуҳои онҳо барои натиҷагирӣ ва таҳкими механизми хизматрасонии нақлиётӣ ба тариқи пурра омӯхта шудааст. Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсияи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло мубрам шуморида мешавад.

Дар асоси омӯзиши автореферат муайян намудем, ки самти тадқиқоти дар диссертатсия ба анҷом дода шуда, ба бандҳои ҷудогонаи Шиносномаи ихтисоси илмии 6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика мувофиқат мекунад.

Дар асоси тавзеҳи моҳияту мафҳуми хизматрасонии нақлиёти автомобилӣ ба мардуми шаҳр ҷанбаҳои назариявӣ-методии мавқеъ ва мақоми мусофирбарӣ бо нақлиёти автомобилӣ, арзёбии принсипҳо ва методи ташкили идоракунии ҳамлу нақли автомобилӣ дар шаҳр ба таври аниқ муайян карда шудааст.

Омӯзиши таҷрибаи хориҷии ташкили идоракунии мусофирбарии автомобилӣ омӯхта, дар асоси онҳо вазифаҳои асосии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияю нақши онҳо дар беҳтаргардонии дастгирии нақлиёт дар шаҳри Душанбе мавриди тадқиқ қарор дода шудааст.

Бо назардошти арзёбии асосҳои консептуалии рушди нақлиёти ҷамъиятӣ ҳолати муосир, рушди имкониятҳо ва ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе, раванди мусофирбарӣ таҳлил карда шуда, омилҳои асосии таъсиррасон ба кори намудҳои гуногуни нақлиёт ва баҳодиҳии сифати онҳо дар шаҳри Душанбе муайян карда шудааст.

Стратегияи рушди мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе ва амсилаи иқтисодию риёзии муайян намудани талабот ба хизматрасонии микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе коркард ва мавриди татбиқ қарор гирифтааст.

Дар диссертатсия самтҳои асосии ташкили идоракунии ҳамлу нақл бо микроавтобусҳо дар шаҳр бо назардошти татбиқи рақамикунонии нақлиёт дар давраи то соли 2030 дар шаҳри Душанбе асоснок ва пешниҳод карда шудааст.

Дар автореферати диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар автореферат дар сатҳи зарурӣ таҳлили вазъи муосири ҳамлу нақли мусофирон ва раванди ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе мавриди тадқиқи пурра қарор дода шудааст. Нообаста ба ин, нақши на ҳамаи корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбари микроавтобусӣ дар шаҳри Душанбе пурра баҳо дода шудааст.

2. Ҳангоми арзёбӣ на ҳамаи паҳлуҳои стратегияи рушди мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар маҷмуъ эродҳои гирифташуда ба сатҳи баланди илмию назариявӣ, методӣ ва амалии диссертатсияи мазкур таъсири манфӣ нарасонида, хислати тавсиявӣ доранд.

Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф таркиби диссертатсияро ба пуррагӣ дар бар мегиранд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи тақризшаванда тадқиқоти мукаммали анҷомёфта буда, унсурҳои навгонии кофии илмӣ дорад ва дастоварди назарраси илмӣ маҳсуб меёбад ва ба талаботи КОА - и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика ҷавобгӯ буда, муаллифи он Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯйи ин ихтисос мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Самандарзода И.Ҳ.

Суроғаи Донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел.+992935014316. E.mail: iskandar-s@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо Қурбонзода А.Х.

ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР * ТАДЖИКСКИЙ АГРАРНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ ШИРИНШОХ ШОХТЕМУР * ШУЪБАИ ТАЪМИНОТИ ҲУҚУҚӢ ВА КАДРҲО ОТДЕЛ ПРАВОВОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ И КАДРОВ

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло дар мавзӯи: «Такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607– Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика пешниҳод шудааст**

Рушди иқтисодиёти платформавӣ аз боло рафтани накш ва аҳаммияти хизматрасонии нақлиётӣ, такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳоро вобаста буда, барои ҳалли муаммову мушкилоти ҷойдошта истифодаи механизмҳои инноватсионӣ ва рақамиро тақозо менамояд. Дар ин радиф ҳангоми амали намудани хизматрасониҳои нақлиётӣ на ҳама паҳлуҳои масоили такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳрҳо бо назардошти мушкилоти мавҷуда пурра омӯхта нашудаанд ва аз ин рӯ мубраммияти мавзӯи диссертатсияи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло аз аҳаммият холӣ нест.

Аз омӯзиши автореферат бар меояд, ки дар рисола аз нигоҳи назариявию методӣ ҷанбаҳои асосӣ, мавқеъ ва мақоми мусофирбарӣ бо нақлиёти автомобилӣ, принсипҳо ва методи ташкили идоракунии ҳамлу нақли автомобилӣ дар шаҳрҳо ба таври аниқ муайян карда шудааст.

Диққати асосӣ ба таҳқиқи таҷрибаи хориҷии ташкили идоракунии мусофирбарии автомобилӣ дода шуда, дар асоси онҳо вазифаҳои асосии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия барои беҳтаргардонии дастгирии намуди нақлиёти мусофикашони микроавтобусӣ дар шаҳри Душанбе аниқ карда шудаст.

Бо истифода аз манбаҳои мухталифи оморӣ ҳолати муосир, рушди имкониятҳо ва ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе мавриди таҳқиқ қарор гирифта, омилҳои асосии таъсиррасон ба кори намудҳои гуногуни нақлиёт, аз ҷумла, мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо муайян карда шудаанд.

Ҷойи махсус дар диссертатсия ба асосноккунӣ ва пешниҳоди самтҳои асосии ташкили идоракунии ҳамлу нақл бо микроавтобусҳо дар шаҳр, дар асоси амсилаи иқтисодию риёзӣ, таҳияи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар ин самт сурат гирифта, такмилдиҳии фаъолияти системаи ягонаи автоматонидаи идоракунии нақлиёти шаҳр ва рушди системаи муосири пардохти ҳаққи роҳкиро дар асоси татбиқи рақамикунонии нақлиёт дар давраи то соли 2030 дар шаҳри Душанбе пешниҳод карда шудааст.

Ҳамзамон, новобаста ба натиҷаҳои назарраси назариявию методӣ ва амалӣ, дар автореферат баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар автореферат ба арзёбии муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба раванди ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо

микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе дар шароити муносибатҳои бозорӣ диққати махсус дода шудааст. Мутаасифона, дар автореферат пешниҳодҳо нисбати баҳодиҳии сифати кори микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе ба тариқи пурра сурат нагирифтааст.

2. Инчунин, дар автореферат на ҳамаи паҳлуҳои механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳангоми хизматрасонии нақлиётӣ дар шаҳрҳо дида баромада шудааст.

Эродҳои гирифташуда ҳаргиз сатҳи баланди илмию назариявӣ, методӣ ва амалии диссертатсияро коста намегардонанд ва онҳо хислати тавсиявӣ доранд.

Автореферат ва интишорти муаллиф таркиби диссертатсияро пурра дар бар мегирад.

Аз арзёбии автореферати диссертатсия бар меяд, ки самти таҳқиқот ба бандҳои мухталифи Шиносномаи ихтисоси илмии 6D050607 "Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика" пурра мувофиқат мекунад.

Дар маҷмӯ диссертатсия таҳқиқоти мукаммали анҷомёфта буда, унсурҳои навгонии кифояи илмӣ дорад ва дастоварди назаррасӣ илмию амалӣ маҳсуб ёфта ба талаботи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607– Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика ҷавобгӯ буда, муаллифи он О.М.Сайфуллозода сазовори дараҷаи илмӣ аз рӯйи ин ихтисос мебошад.

Номзади илмҳои иқтисодӣ,
и.в. дотсенти кафедраи Иқтисодиёти
рақамии Донишгоҳи инноватсия
ва технологияҳои рақамии
Тоҷикистон

Шарифова Д.М.

Имзои н.и.и., и.в. дотсент Шарифова Д.М.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи рушди
кадрҳо ва коргузории ДИТРТ

Мухторзода С.Г.

Суроғаи донишгоҳ: 735360, Шаҳри Кӯлоб,
маҳ.Борбад 9
Почтаи электронӣ: 🖂 info@uidt.tj www.uidt.tj